# Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии
# Ҷумҳурии Тоҷикистон
# Ф А Р М О И Ш

Аз «7 » декабри соли 2021, №114 ш. Душанбе

Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо мақсади иҷрои банди 1 Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар барои солҳои 2021- 2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №213 тасдиқ гардидааст ва дар асоси бандҳоии 6 ва 10 Низомномаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ **ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:**

1. Дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ таъсис дода шавад.
2. Рӯйхати аъзои Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ тасдиқ карда шавад (замимаи 1).
3. Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ тасдиқ карда шавад (замимаи 2).
4. Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ фаъолияти худро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Ш. Амонзода

Замимаи 1
Бо фармоиши вазир аз 7 декабри
соли 2021, №114 тасдид гардидааст

Руйхати
Шурои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилотҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, диаспораҳои тоҷикон (ҷамъиятҳои тоҷикон), ҳамватанони бурунмарзӣ ва ташкилотҳи ҷамъиятӣ дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Вазифа |
|---|---|
| 1. | Раиси Шӯро вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. | Муовини Раиси Шӯро муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| 3. | Котиби Шӯро муовини сардори раёсат - сардори шуъбаи кор бо диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзии Раёсати муҳоҷирати аҳолии вазорат |
| | **Аъзои Шӯро аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ҷумхурӣ** |
| 4. | Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5. | Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6. | Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 7. | Муовини вазири саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8. | Муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9. | Муовини вазири рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10. | Муовини вазири тандурустӣ ва хифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11. | Сардори шуъбаи тахлилӣ - назоратӣ ва ҳуқуқии Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12. | Корманди Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | | |
|---|---|---|
| 13. | Сардори раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 14. | Сардори раёсати банакшагирӣ ва арзёбии барномаҳои рушди маҳали Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 15 | Муовини Директори маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 16. | Муовини якуми раиси Кумитаи рушди сайёхии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 17. | Муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 18. | Муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 19. | Муовини раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 20. | Муовини директории Агентии со дироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 21. | Муовини директории Агентии авиатсияи гражданӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 22. | Муовини директории иниститути иқтисодиёт ва демография оид ба корҳои илм ва таълимии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | |
| 23. | Сардори идораи омор ва тавозуни пардохти Бонки миллии Тоҷикистон | |
| 24. | Мувини раиси ВМКБ | |
| 25. | Муовини раиси вилояти Суғд | |
| 26. | Муовини раиси вилоти Хатлон | |
| 27. | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе (сардори раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ) | |
| 28. | Сардори раёсати муҳоҷирати аҳолии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 29. | Сардори Хадамоти муҳоҷирати вазорат | |
| 30. | Роҳбари Намояндагии ВММША ҶТ дар ФР оид ба муҳоҷират | |
| 31. | Сардори шуъбаи ҳуқуқи Намояндагии ВММША ҶТ дар ФР оид ба муҳоҷират | |
| 32. | Директори МД “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” | |
| 33. | Директори МД “Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷа” | |
| | **Аъзои Шӯро аз хисоби намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ** | |
| 34. | Бобоев Илҳомҷон | Роҳбари ташкилоти ҷамъиятии “Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон Сомониён” – и вилояти Иванови ФР, раиси Иттиҳоди тоҷикистониён дар ФР |
| 35. | Мамаднасимов Карамшо Азораевич | Роҳбари ташкилоти ҷамъиятии минтақавии “Нур” ш. Москваи ФР |

| | | |
|---|---|---|
| | | Москва Федератсияи Россия |
| 37. | Бердов Фарҳод Худобердиевич | Раиси Шурои ҳамоҳангсози созмонҳои тоҷикони шаҳри Санкт- Петербурги ФР |
| 38. | Шамсиев Ҳасан | Роҳбари ҷамъияти тоҷикони “Сомони”-и вилояти Рязани |
| 39. | Ошурбекова Мастибегим | Раиси ҷамъияти минтакавии тоҷикон “Дидор” вилояти Свердловски ФР |
| 40. | Абдуҷабборов Сияршо | Роҳбари ҷамъияти тоҷикон “Дустӣ”, шаҳри |
| 41. | Ғафурова Моҳтоббӣ Хайруллоевна | Роҳбари ташкилоти ҷамъиятии минтақавии “Тоҷикони Шарқи Дур” вилояти Хабаровски ФР |
| 42. | Зайдуллоев Абдулло Нуруллоевич | Роҳбари Маркази миллии фарҳангии тоҷикон “Исмоили Сомони” дар Ҷумҳурии Бошкирдистони ФР |
| 43. | Баротов Толиб Маъмурович | Роҳбари Иттиҳоди ҷамъиятии милли-фарҳангии тоҷикон дар вилоятӣ Оренбурги ФР |
| 44. | Худододов Арсен Назархудоевич | Роҳбари ташкилоти ҷамъияти тоҷикон “Помир” дар Ҷумхурии Осетияи Шимолии ФР |
| 45. | Ғуломов Қурбон | Раиси ҷамъияти тоҷикони шаҳри Киеви Ҷумҳурии |
| 46. | Содиков Фаррух | Раиси ҷамъияти тоҷикони шаҳри Кишинёви Ҷумҳурии |
| 47. | Валиев Иноятуллохон | Узви фаъол ва муовини раиси Анҷумани фархангӣ-иҷтимоии иттиҳодияи тоҷикони Қазокистон “Сомониён”, ш. Алматои Ҷумҳурии Қазоқистон |
| 48. | Шоҳназаров Умар Файзиддинович | Сардори Маркази фарҳангии тоҷикони вилояти Акмола “Санги кабуд”- и Ҷумҳурии Қазокистон |
| 49. | Мақсудов Зафар | Раиси ҷамъияти тоҷикони Туркия |
| 50. | Дагихудо Дагиев | Узви фаъоли Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ш. Лондони Британияи Кабир ( Устоди Лондон) |
| 51. | Мирзораҳимов Файзалӣ | Раиси Шурои ҷамъияти тоҷикони назди Сафорати Ҷумхурии Тоҷикистон дар Давлати Қатар |
| 52. | Улмасов Исроилҷон | Соҳибкори муваффақи бахш сохтмон ш. Риёзи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ |

Замимаи №2
Бо фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират
ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№114, аз 7 декабри соли 2021 тасдиқ гаридааст.

Низомномаи Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМИ

1.1 Низомномаи мазкур салоҳият, тартиби ташкил ва фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳамкорӣ бо диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (минбаъд – Шӯрои ҳамоҳангсоз) муайян менамояд.

1.2 Шӯрои ҳамоҳангсоз бо мақсади рушди ҳамкории вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ таъсис дода шуда, мақоми машваратӣ мебошад.

1.3 Шӯрои ҳамоҳангсоз дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират”, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2010, №277 “Оид ба тасдиқи Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар”, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, ба роҳбарӣ мегирад.

## 2. СОХТОР ВА ҲАЙАТИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗ

2.1. Ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсоз бо пешниходи вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ бо фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2.2. Шӯрои ҳамоҳангсоз аз роҳбар, муовини роҳбар, котиб, аъзо ва коршиносон (эксперт) иборат мебошад.

2.3. Роҳбари Шӯрои ҳамоҳангсоз:

- ба Шӯрои ҳамоҳангсоз роҳбарӣ менамояд;
- дар маҷлисҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз раисӣ мекунад;
- қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз қабул намударо имзо мегузорад
- дар ҳолати ҳозир набудани роҳбарӣ ба зиммаи муовини роҳбар мегузарад.

2.4 Шӯрои ҳамоҳангсоз фаъолияти худро тавассути гузаронидани ҷаласаҳои Шӯро амалӣ менамояд.

2.5 Ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз на камтар аз як маротиба дар як сол гузаронида мешаванд. Дар ҳолати зарурӣ ҷаласаи ғайринавбатӣ гузаронида мешавад.

2.6 Қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз бо протокол ба расмият даровардa мешаванд.

2.7 Вобаста ба масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсоз дохилшуда намояндагони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ ва коршиносони мустақил низ метавонанд дар ҷаласаи Шӯро иштирок намоянд.

2.8 Хулоса ва тавсияҳои Шӯрои ҳамоҳангсоз ба амалишавии Консепсия дар бораи ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

## 3.ҲАДАФҲОИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗ

3.1 Ҳадафҳои асосии Шӯрои ҳамоҳангсозаз инҳо иборат мебошанд:

- ҳамоҳанг намудани фаъолияти вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзиро дар татбиқ намудани сиёсати давлатӣ вобаста ба ташаккули сиёсати давлатӣ бо диаспораҳои тоҷикон, ҳамватанони бурунмарзӣ;
- мустаҳкам намудани ҳамкориҳои вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ;
- муайян намудани самтҳои асосии рушди ҳамкорӣ вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ;
- мусоидат дар таъсиси низоми муосири доимӣ миёни вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти

давлатӣ ва намояндагони диаспораҳои тоҷикон (ҷамъияти тоҷикон) ва ҳамватанони бурунмарзӣ;

- ҷиҳати нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ, таърих ва забони миллати тоҷик тавсияҳо пешниҳод менамояд;
- оид ба ташаккули сиёсати давлатии дар самти кор бо диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои дахлдор таҳия ва корҳоро ҷиҳати татбиқи онҳо ташкил менамояд;
- дар ҳамкорӣ бо сохторҳои вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати ҷалби диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо меандешад;
- бо мақсади ҷалби диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои кору фаъолият дар Ватани аҷдодӣ, нигоҳ доштани урфу одат, расму оин, забони модарӣ, таърих ва фарҳанги тоҷикон дар хориҷа вохӯрӣ ва суҳбатҳоро бо онҳо ташкил менамояд;
- дар ҳамкорӣ бо сохторҳои вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ форум, конференсия ва семинарҳоро барои диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ташкил менамояд;
- дар ҳамкорӣ бо сохторҳои вазорату идораҳои дахлдор барои ташкили мактаб ва марказҳои таълимӣ барои фарзандони диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар давлати иқомати онҳо таъмини намудан бо китобу маводи зарурии таълимӣ мусоидат менамояд;
- ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти салоҳиятдори давлати иқомати диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ бо мақсади амали намудани фаъолияти самаранокии диаспораҳо;
- ҷиҳати бо ҷойи кор таъмин намудан ва ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар тавассути диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ чораҷӯӣ менамояд;
- барои ҳавасманд намудани диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ бо мукофотҳои давлатӣ, ки дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар саҳм гузоштаанд, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклиф пешниҳод менамояд;
- дар ҳамкорӣ бо сохторҳои вазорату идораҳои дахлдор ба диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанон бурунмарзие, ки мақсади сохтани марказҳои фарҳангию маърифатӣ, курсҳо, мактабҳо, китобхонаҳо, маҳфилҳои адабӣ ва ҳунариро доранд мусоидат менамояд;
- ҷиҳати баргузор намудани барномаҳои махсус дар радио ва телевизион барои диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ тавсия пешниҳод менамояд;
- дар ташкили истироҳат барои фарзандони диаспораҳои тоҷикон ва ҳамватанон бурунмарзӣ дар истироҳатгоҳҳои бачагонаи ҷумҳурӣ ва дар

ташкили саёҳат ба Ватани аҷдодӣ барои диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ мусоидат менамояд;
- дурнамои ҳамкорӣ бо диаспора ва ҳамватанони бурунмарзиро меомӯзад ва ба роҳбарияти кишвар таклифҳо пешниҳод менамояд;

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

4.1 Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур, азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани фаъолияти Шӯро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.